# Паёми Усқуфи аъзами (Патриархи) Маскав ва тамоми Рус Кирилл ба муносибати иди Фасҳ (Писҳо) ба кашишҳои олимартаба, кашишҳо, роҳибон ва тамоми фарзандони рӯҳонии Калисои Православии Рус

**Бародарони гиромиқадр кашишҳои олимартаба, падарон-пресвитерҳои шарофатманд, диаконҳои худодӯст, роҳибон ва роҳибаҳои порсо ва парҳезгор, бародарон ва хоҳарон!**

Дар иди нек ва наҷотбахши олам - Растохези Парвардигор басо хушнудам, ки шуморо бо суханони илҳомбахш ва ҳамеша бузурги пайки иди Фасҳ (Писҳо) аз самими қалб табрик намоям:

***МАСЕҲ ЭҲЁ ШУД!***

Дар ин шаби дурахшон вуҷуди моро шодмонии рӯҳбахши куллӣ фаро мегирад, зеро рӯйдоде, ки чандин аср пеш дар наздикии Байтулмуқаддаси бостонӣ рух дода буд, ба ҳар кадоми мо мустақиман рабт дорад. Зиёда аз ин, Растохези Масеҳ дорои аҳамияти воқеии ҷаҳонӣ мебошад, зеро Наҷотдиҳанда тавассути он имкони ба даст овардани тавҳиди файзбор бо Худовандро барои ҳар касе фароҳам овард, ки ба ин даъвати Ӯ посух додаст: «Биёед, эй баракатёфтагон аз Падари Ман, Малакутеро, ки аз ибтидои офариниши олам барои шумо муҳайё шудааст, мерос бигиред» (Мт. 25, 34).

Аз ин рӯ мо ҳоло ҳамроҳ бо Ҳазрати Юҳаннои Нотиқ хитоб мекунем: «Хеҷ кас набояд аз аҷзи худ бинолад, зеро Малакути барои ҳамагон фаро расид!» Мо Растохези дурахшони Масеҳро ҷашн гирифта, дар бораи ҳаққонияти ин суханон гувоҳӣ медиҳем, зеро ҳар инсон, ҳатто аз гунаҳгортарин касон, ки бо хуни Масеҳ ғусл кардааст, ба наҷот умед мебандад. Барои гуноҳҳои мо, ҳамчунон барои тамоми гуноҳҳои банӣ башар, хуни гаронқадри Маслуб қимматгузорӣ шудааст. То ки самараи Кафоратро дарк кунем, бояд имон овард ва таъмид ёфт (ниг. Мар. 16, 16). Аксари мардуми мо таъмид ёфтаанд, аммо чӣ қадр каманд касоне, ки дорои эътиқоде ҳастанд, ки барои тағйири ҳаёт қодир бошад.

Таҳаввули ҳаёт дар Масеҳ танҳо ифодагари таҳаввул ба беҳӣ нест. Ин тағйироти куллиест, ки ба

инсон тантанаи ҳаёт ва баракати рӯзгорро (муқ. Юҳанно, 10, 10) ҳам дар ҳузури кунунӣ дар рӯи замин, ҳам дар охират, ато мефармояд.

Ва иди Фасҳи (Писҳои) Муқаддас бароямон кӯмак менамояд, то робитаи ногусастаниро на танҳо бо воқеоти дуҳазорсолаи пешина, балки бо тантанаи ояндаи «адолати ҷовидонӣ» эҳсос намоем (Дон. 9, 24), ки «Худо кулл дар кулл» хоҳад буд (1Қӯр. 15, 28). Мо, таъмиқи «сарват ва ҳикмат ва маърифати Худо»-ро (ниг.: Рум. 11, 33), ки Офаридгори Сахӣ инсониятро ба сӯи наҷот мебарад, дарк карда, дидани татбиқи мақсади Офаридгорро дар таърихи башарӣ меомӯзем.

Лаёқати назар афкандан ба таърих дар партави Растохези Масеҳ дар даврони кунунӣ - дар даврони бартарияти чашмандози навин ба олам, ки талошу кӯшишҳои инсон бо гирифториҳои лаҳзаина маҳдуд гаштааст ва вақти зудгузар муосирони моро маҷбур менамояд фаромӯш кунанд, ки «рӯзҳо шарир аст» (Эф. 5, 16), аҳамияти бештареро касб мекунад. Мо бо навгониҳо, эҳтиросот ва ташвишҳои якрӯза зиста, мехоҳем нуктаи аз ҳама асосӣ- наҷоти рӯҳ, Пешаи Худовандӣ, хайру камолотро аз ёд бибарем.

Растохези Масеҳ ба ҳамаи мо имкон медиҳад аз ташвишҳои рӯзгор болотар бошем, то бузургии ҳаққонии муҳаббати Худовандро бубинем, ки ба хотири рифоҳи инсон ҳатто то салиб ва марг худро поин гирифт. Аз ин рӯ бароямон муҳим аст, дарк намоем, ки Парвардигор бо Растохези худ, тақвияти нерӯи ботиниро ба ҳар масеҳӣ дар хидматаш ба Калисо, кишвар, ҷомеа, хонавода ва пайвандон ато фармуда, табиати инсониро таҷдид менамояд.

Мушкилоти зиёде бар дӯши ҳам инсони оддӣ ва ҳам кулли мардумон афтодааст: одамон имрӯз дар тамоми олам аз душманӣ, ҷангҳо, бенавоӣ, бемориҳо, танҳоӣ, нобасомониҳои зиндагӣ азият мекашанд. Дунё дар ҷустуҷӯи ҳаёти беҳтар такопӯ дорад ва аз пайдо кардани посух ба саволҳои худ дар бораи фановариҳои сиёсӣ ё дастуроти иқтисодӣ аз руӣ мантиқи инсонӣ навмед гардидааст. Калисо ва худи таърих гувоҳӣ медиҳанд: бо Каломи Худованд бояд зист. Онгоҳ дар партави Растохези Масеҳ бароямон маънии рӯйдодҳо ошкор мегардад, ва мо қобили посух додан ба хатарноктарин ситезаҷуиҳои замони муосир хоҳем шуд.

Бигзор Наҷотдиҳандаи Эҳёшуда нияти қавии ба аҳкоми ӯ пайравӣ карданро дар ҷони мо барангезад!

Хушнудии тантанаи кунуниро бо ҳам хоҳем дид! Ба қалби онҳое гармӣ мебахшем, ки имрӯз азият мекашанд ва ба маҳрумият рӯбарӯ гардидаанд.

Бо дуруди иди Фасҳ (Писҳо) ба тамоми одамон, ҳам ба касони дур ва ҳам наздик руҷӯъ мекунем. Ба хотири шукуфоии кишваре, ки дар он мо зиндагӣ мекунем, бидуни коҳилӣ заҳмат хоҳем кашид.

Ба даргоҳи Худованд дар бораи эҳдо намудани ҳаёти осуда ва масъуд барои мо дуъоҳои пурҳарорат арҷ мегузорам. Бигзор Ӯ ба Калисои Худ барои хидмати ғайратмандона ба манфиати маънавии мардумони файзёфтаи Ӯ имдод ва қувватро ато фармояд, то имон, умед ва муҳаббатамон афзун гардад.

Муҷаддадан ба Шумо аз самими қалби худ нидои мутантани шодии иди Фасҳро (Писҳоро) дар бораи Худованд, ки маргро ба зери по ниҳода, бо Худ тамоми башариятро эҳё бахшид, мерасонам:

***Масеҳ эҳё шуд!***

***Барҳақ эҳё шуд Масеҳ!***

**УСҚУФИ АЪЗАМИ (ПАТРИАРХИ) МАСКАВ ВА ТАМОМИ РУС**

Маскав

Фасҳи (писҳои) Масеҳ,

Соли 2010.

Una fonte: https://mospat.ru/it/news/57480/